# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз руи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 4 - Тарбия ва инкишофи кӯдакон дар ҷараёни намудҳои гуногуни фаъолият (бозиҳои гуногун: серҳаракат, сужетӣ-нақшдор, дидактикӣ, драматизатсия; фаъолияти бадеӣ: санъати тасвирӣ, тарбияи мусиқӣ, тартибдиҳӣ; фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ) ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Рисолаи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» ба таҳқиқу коркарди роҳу воситаҳои ташаккули сифатҳои равонӣ ва зеҳнӣ, ирода ва ахлоқии кӯдакон, таъмини инкишофи маҳорату қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ бахшида шудааст. Рушди қобилиятҳои мусиқӣ яке аз вазифаҳои асосии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба ҳисоб рафта, давраи мусоид барои ташаккули ҷанбаҳои бунёдии эҷодиёти мусиқии кӯдакон маҳсуб меёбад.

Дар замони муосир рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакони аз 5 то 6 сола бо ёрии санъати мусиқӣ аҳаммияти хоса дорад, зеро маҳз синни томактабӣ, ҳамчун синну соли пурсамартарин буда, барои ташаккули шавқу ҳавас, ақида ва завқи бадеии кӯдак замина мегузорад. Инкишофи мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ раванди муттасилест, ки дар давоми он фаъолияти мусиқӣ ва эҷодии ӯ ташаккул меёбад ва он ҳамчун асос эҷодкорӣ ва тахаюлотро ривоҷ медиҳад..

Муҳаққиқ Рамазонов Давлат Сулаймонович бамаврид қайд намудааст, ки санъати мусиқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия ва такмилдиҳандаи қобилияти эҷодӣ ва зебоипарастии кӯдакон буда, он

манбаи некӣ, зебоӣ ва ҳамоҳангии эҳсосот аст. Қобилияти дарк кардани мусиқӣ, фарқ кардани баландӣ ва суръати он дар синни томактабӣ муқаррар карда мешавад ва дар тӯли ҳаёт инкишоф меёбад.

Зимни омӯзиш ва таҳлили рисолаи илмӣ Рамазонов Давлат Сулаймонович муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузошта аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил ва дар асоси маводи таҳлилшуда шароитҳои педагогии хусусиятҳои инкишофи эҷодкорӣ дар хурдсолонро аз нигоҳи педагогӣ таҳқиқ намудааст. Осори илмию методии муҳаққиқони рус М.Т.Картавсева, Б.В. Асафен, Н.А.Ветлугина, Г.Ф.Харисова, Н.С. Лейтес, И.Ф. Харламов, В.И. Шинкарук, В.П. Иванов, А.Ф. Бортник, Б.Т. Лихачев ва таҳқиқотҳои олимони тоҷик М.Р. Юлдошева, С. Исоев, М. Ҳасан, С. Ҳалимова, Р. Ҳаётова, Р. Раҳмонов, Д. Обидов, М. Носирҷон, Т. Мустафоқулов, И.М. Маҳмудов, М.Р. Исматуллоев, Б.Хайруллоев, И. Асоев, А.Б.Алиев, ва дигаронро оид ба масъалаи рушди фаъолияти эҷодӣ ва мусиқӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Бозиҳои халқӣ ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқӣ, зебоипарастӣ, фикрӣ ва ҷисмонии кӯдакону наврасон аз тарафи Б.Маҷидова, Л.Иматзода, Б.Раҳимов, А.Нуров, Б.Асозода, Г.Қурбонова ва дигарон мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтанд. Инчунин, таъсири мусиқӣ дар асарҳои файласуфони қадим Пифагор, Арасту, Платон, намояндагони адабиёти классикони тоҷик Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон махсус таъкид карда шудааст.

Масъалаи коркард нагардидани инкишофу ташаккули қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар низоми кори таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабиро ба асос гирифта, унвонҷӯ Рамазонов Д.С. ҷиҳати ҳалли он мавзуи рисолаи илмӣ «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» интихоб намудааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Дар рисолаи тақризшаванда барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия ҳалли масъалаву вазифаҳо гузошта шудаанд. Асосҳои консептуалӣ ва методологии инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ – эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозигӣ таҳқиқ гардида, заминаҳои илмӣ – назариявӣ ва амалии рушди қобилият ҳамчун сифати фардии шахсият, дар таҳқиқоти олимон муайян гардиданд. Робитаи рушди қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодӣ дар раванди фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ, ки он ҳамчун фаъолияти асосии кӯдакон маҳсуб меёбад, таъмин гардидааст.

Масъалаи таълим, тарбия ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар раванди ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти мусиқӣ тавассути намудҳои мухталифи бозиҳои мусиқӣ, тибқи талаботҳои барномавӣ – методии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ амалӣ гардонда шуданд. Махсусан, дар раванди кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар баробари талаботҳои барномавӣ омӯзгори мусиқӣ, мураббия ба фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозикунии кӯдакон аз асарҳои мусиқии композиторон, эҷодиёти бадеии халқ истифода намудаанд, ки барои инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мусоидат менамоянд.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- масъалаи рушди маҳорат, қобилият, эҷодкорӣ дар ниҳоди кӯдакон тавассути фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ, раванди роҳбарӣ ва фаъолияти мусиқӣ-бозигӣ дар асоси баҳисобгирии таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шуд;

- дар заминаи баҳисобгирии хусусиятҳои синусолии кӯдакон ғояҳои консентуалӣ коркард ва амалӣ гардидаанд;

- назария ва амалияи мувофиқат кардан ва мусоидат намудани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ ба инкишофи қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон пайгирӣ карда шуд;

- барои самаранок инкишоф ёфтани фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои анъанавӣ ва муосир дарёфт карда шуда, зарурияти ба раванди таълим ворид намудани бозиҳои миллии мусиқии кӯдакон асоснок гардиданд, ки имкон доданд худшиносии миллии мусиқии онҳо ташаккул дода шавад. Ҳамзамон, собит карда шудааст, ки ҷиҳати инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ фаъолияти бозигӣ дар ҳаёти ҳаррӯза имконияту шароитҳои мусоидро фароҳам меоварад.

Арзёбии натиҷагирӣ дар таҳқиқотҳои таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, инчунин хулоса ва тавсияҳои методӣ аз он гувоҳ медиҳанд, ки муаллифи он ба мақсад ноил шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташудаи муаллиф ҳаллу фасл, фарзияи илмии пешнҳодшуда дар амал исбот ва тасдиқ гардидааст.

Унвонҷӯ Рамазонов Д.С. кӯшиш намудааст, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозигӣ дар гурӯҳҳои синни калони томактабӣ мавриди санҷиш қарор диҳад, зеро мусиқӣ воситаи босамари ташаккул додани ҳисси равонӣ ва зебоипарстии кӯдакони ин синну сол ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо** аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ ба таври муфассал таҳқиқоти анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозигӣ омӯхта, таҳлил намуда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии хешро пешниҳод кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** муаллиф дар заминаи осори илмию методии Л. С. Виготский, Б. М. Теплов, Д. Б. Элконин, А. Н. Леонтев, Т. О. Абдулова ва дигарон, нақши бозиҳоро дар рушди сифатҳои шахсият, қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар таҳқиқоти педагогии Н. Г. Куприна, Н.С. Лейтес, А. П. Усова мавриди омӯзишу таҳлил намудааст. Инчунин, дар педагогикаи ватанӣ ба масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолияти бозикунии кӯдакон ва дар раванди он инкишоф додани сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ, ташаккули маҳорату қобилият дар таҳқиқотҳои Н. Н. Турсунов, М. Лутфуллозода, Ш. А. Сафаров, Б.Маҷидова, Л. Иматзода, М.Обидова, Г. А. Қурбонова, М.Акрамова, М.Набиева, Б.Хайруллоев тавaҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, ки таҳқиқотҳои муосир дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравaнд.

**Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

**Аҳаммияти назариявии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки, заминаҳои барномавӣ - методии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ, низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон муайян ва баррасӣ карда шуданд, ки онро омӯзгорони мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** зарурати амалигардонии мақсаду вазифаҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон бо истифодаи бозиҳо кормандони муассисаҳои томактабиро дар бар гирифта, имкониятҳои истифодабарии бозиҳои халқӣ, фолклори бачагон, мусиқӣ шеъру таронаҳои кӯдакона фаъолиятҳои якҷояро дар таълиму тарбия, эҷодкорию иҷтимоишавии кӯдакон ба таври амалӣ

пешниҳод намудааст. Тавсияҳои психологӣ, педагогӣ ба беҳдошти раванди корҳои таълиму тарбиявӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқию бозигӣ ва инкишофёбии қобилияти эҷодию мусиқии кӯдакон мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузории таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, дастури таълимии «Фарҳанги ташаккули талаботи зебоиипарастӣ тавассути ҳунарҳои мусиқӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ» (2024), «Биё, бо ҳам омӯзем» (2023), «Моҳияти корҳои эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ» (2025) коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимию тарбиявии кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои**
**тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2019-2024 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Рамазонов Давлат Сулаймонович дар 25 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, 2 дастури методӣ ва 18 мақола дар нашрияҳои дигар, конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт (199 номгӯй) иборат буда, дар он диаграмма, ҷадвал ва расмҳо истифода шудааст. Рисолаи илмӣ инчунин, хулоса, ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

Дар қисмати муқаддимавии рисолаи диссертатсионӣ талабот доир ба иҷрои корҳои таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бобу зербобҳо бо низоми муайян зина ба зина ва бо алоқамандии мантиқӣ оварда шудаанд.

**Дар боби якуми рисолаи илмӣ - «Асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ»,** инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ," хусусияти инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ва имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ Рамазонов Д.С. дуруст қайд менамояд, ки масъалаи рушди қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имрӯз таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи психология ва педагогикаро ба худ ҷалб намудааст. Эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи мавҷудияти кӯдак ба ҳисоб меравад ва яке аз зуҳуроти барҷастаи зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ санъати мусиқӣ мебошад. Қобилияту истеъдоди ақлию зеҳнии кӯдакон зиёдтар дар инкишофи нутқ, дар хотир нигоҳ доштани теъдоди зиёди мазмуни афсонаҳо, шеърҳо, иҷрои амалҳои фикрӣ, рушди тафаккури образноки мантиқӣ, хаёлу тахаюлоти эҷодӣ ва ғайраҳо зоҳир мегарданд. Барои ташхиси қобилияту истеъдоди онҳо дар психология методикаи зиёди ташхисии махсус коркард ва дар таҳқиқот мавриди истифода қарор ёфтанд.

Муаллиф комилан дуруст қайд мекунад, ки фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ба худ хусусиятҳои хос дорад, чунки дарки мусиқӣ, фаҳмидан ва айнан такрор кардани он ба синну сол ва инкишофи асабу–психикаи кӯдак алоқаманд аст. Идроки мусиқӣ дар шунидан, фаҳмидан ва ҳаловат бурдан зоҳир мегардад. Он дар заминаи эҳсосот ба вуҷуд омада, ба инкишофи ақлу фаросат, зеҳну заковатмандӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, фаъолияти мусиқӣ низ як шакли фаъолияти маърифатӣ буда, он ба азхудкунии ҳаҷми муайяни донишҳо, таасуроту тасаввуротҳо бо воситаи шунидан ва иҷрои суруд мусоидат мекунад.

Бозӣ чун фаъолияти махсуси инсонӣ ҷабҳаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, таълиму тарбиявиро дар бар мегирад. Он бо тағйиру такмилёбии худ вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ба рушди маҳорату қобилиятҳои бозингарон, махсусан, кӯдакону наврасон таъсир мерасонад. Дар заминаи ба ҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, барномаю дастурҳои таълимӣ зарурияти истифодаи намудҳои зерини бозиҳо барои кӯдакони то-7-сола пешниҳод карда шудаанд: сюжетию нақшофарӣ, намоишӣ ё худ саҳнавикардашуда, сохтмонӣ, серҳаракат ва дидактикӣ. Дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакон вобаста ба қобилияти инкишофёбӣ ташкилу роҳбарӣ карда мешаванд. Дар ташкилу баргузории ин бозиҳо инкишоф додани маҳорату қобилияти эҷодӣ таъмин карда мешаванд.

Таълим ва тарбияи мусиқӣ худ ин раванди муоширату муколама бо мусиқӣ аст ва он бояд пурҷӯшу хурӯш, таъсирбахш ва фаҳмою дастрас иҷро карда шавад. Фақат дар чунин ҳолат кӯдак ба мусиқӣ эҳсосоти мусбат зоҳир намуда, таъсиррасонии онро қабул менамояд. Иҷрои амалҳо ба кӯдак имконият медиҳад ҳиссиётҳои гуногунро аз сар гузаронида, таассуроту тасаввуротҳои навро ба вуҷуд орад.

**Дар боби дуюм «Технологияи инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ»** масъалаи таҳлили заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ, омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии онҳо дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ баррасӣ мегардад.

Дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ ба интихоби технологияи педагогии тарбия, ки барои ташаккули қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, инчунин бедор намудани шавқу ҳаваси онҳо, инкишоф додани дониш, маҳорат ва малакаҳои тақлиднамоӣ мусоидат менамоянд, диққати асосӣ равона шудааст. Аз ҷумла, инкишофи ҳаракатҳои мусиқӣ ва ритмӣ ҳангоми машқҳои муназзам ба кӯдакон зебоиро меомӯзад; навохтани асбобҳои мусиқии бачагона шунавоиро инкишоф медиҳад, мусиқӣ эҷод мекунад ва ғайра. Ҳамин тавр, ҳамаи намудҳои фаъолияти мусиқӣ ба инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон мусоидат намуда, ҳамдигарро бою ғанӣ мегардонанд.

Муҳаққиқ Рамазонов Д.С. иброз медорад, ки мақсади асосии бозиҳои мусиқии кӯдакони синни томактабӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо меҳру муҳаббати мусиқӣ пайдо шавад ва онҳо бо асосҳои саводи мусиқӣ шинос шаванд, инчунин таҷрибаҳои навро омӯхта, ташаббус, мустақилият ва эҷодкории худро инкишоф диҳанд.

**Барои амалисозии мақсади гузошташуда, унвонҷӯ «Амсилаи истифодаи бозиҳо дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон»-ро** таҳия намуда, ки дар он истифодаи бозиҳоро оид ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон пешниҳод ва дар раванди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мувофиқи вазифаҳои гузошташуда истифода намудааст.

Ҳамин тариқ, бозиҳои мусиқӣ воситаи муассири инкишофи қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Онҳо метавонанд ба рушди қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодӣ дар раванди фаъолияти бозикунӣ, ки он ҳамчун фаъолияти асосии кӯдакон ба ҳисоб меравад, мусоидат намоянд. Дар раванди бозиҳои мусиқӣ кӯдакон

таҳлили мусиқӣ, гӯш кардани он, дарк кардан, тасаввур кардан, импровизатсия кардан ва эҷод кардани чизи навро меомӯзанд

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ дар таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методӣ оид ба масъалаи ба раванди таълиму тарбия ворид намудани бозиҳои миллии мусиқии кӯдакона ва дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани аз онҳо, дастурҳои марбут ба роҳу усулҳои баргузории машғулиятҳо, ба инобат гирифтани ҳаракатҳо, ритми оҳанг ҳангоми қарсакзанӣ, навохтани созҳои мусиқии кӯдакона ва ба воситаи ҳаракат нишон додани таъсири табиати мусиқӣ ба ҳиссиёти кӯдакон инъикос ва арзёбӣ гардидааст.

Унвонҷӯ бамаврид қайд намудаст, ки тавассути шиносоӣ бо санъати мусиқӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ нерӯи эҷодӣ фаъол мегардад, рушди зеҳнӣ ва ҳассосӣ ташаккул меёбад. Ҳарчи бештар тамрин намудани сурудҳо мувофиқи синнусоли кӯдакон бештар таъмин гардад, ки ба инкишофи дарку ҳиссиёти арзишҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Дар фарҷоми рисола хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо оварда шудааст. Муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонидаи унвоҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия** Тартиби таҳияи рисолаи диссертатсия ва фишурдаи автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии унвонҷӯй аз рӯйи ихтисос, номзади илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари рисолаи илмиро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф дуруст арзёбӣ карда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ таҳқиқоти анҷомдодашуда ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмил додани корҳои минбаъдаи рисола хеле муфид хоҳад

буд. Аз ҷумла:

1. Довталаби дараҷаи илмӣ Рамазонов Д.С. «Амсилаи истифодаи бозиҳо дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон»-ро таҳия ва дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода намудааст. Агар аз ҷониби муаллиф дар амсила технологияҳои муосири педагогӣ мавриди истифода қарор меёфтанд, арзиши амалии таҳқиқотро вобаста ба талаботи замони муосир боз ҳам афзунтар мекард.

2. Агар дар рисолаи илмӣ муҳаққиқ ҳамкории муассисаи таълимии томактабиро бо оила ва марказҳои рушди кӯдакон дар таъмини инкишофи қобилияти мусиқӣ - эҷодии онҳо ворид ва натиҷагирӣ менамуд, аҳаммияти илмию амалии онро зиёд мегардонид.

3. Хулосаи рисолаи илмӣ дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуну муҳтавои таҳкиқоти ба анҷомрасидаро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.

4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар рисола ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурирро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.06 –

Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Рамазонов Давлат Сулаймонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов

Латифзода Диловар Назришоҳ

«15» апрели соли 2025

**Маълумот барои тамос:**
Нишони: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 155. Тел.: 907-07-02-44. E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов

Тошов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО